# ХУЛОСАИ
# ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-030 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

**Парвандаи аттестатсионии №19**

**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 14.05.2021 с., таҳти №45**

Дар бораи ба Раҳмонзода Гулчеҳра Раҳмон, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, додани дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ.

Диссертатсияи Раҳмонзода Гулчеҳра Раҳмон дар мавзӯи «Нақши унсури гендерӣ дар ташаккули сиёсати давлатӣ (дар мисоли кишварҳои Осиёи Марказӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04 – Масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, рушди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-030 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 25-уми декабри соли 2020 (Суратмаҷлиси №33) барои ҳимоя қабул гардидааст (734025, ш. Душанбе, Хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.03.2020 с., №63).

Унвонҷӯ, Раҳмонзода Гулчеҳра Раҳмон, санаи таваллудаш 31.01.1982, соли 2008 Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуровро бо ихтисоси «таърихшинос» хатм намудааст. Солҳои 2017-2020 унвонҷӯйи кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ буд. Айни замон ба ҳайси директори Коллеҷи омӯзгории ба номи М. Турсунзодаи шаҳри Конибодом фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ иҷро гардидааст.

**Роҳбари илмӣ**: **Хидирзода Махфират Умар** - доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ**: **Бобоҷониён Ранохон Маҳмудзода** - доктори илмҳои филологӣ, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон; **Саидзода Шуҳрат Шукур** - номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар тақризи мусбати худ, ки дар Раёсати таҳлил ваояндабинии сиёсати дохилии муассисаи мазкур аз ҷониби раиси ҷаласа, номзади илмҳои сиёсӣ П.Р. Нуриддин имзо ва аз ҷониби директори Марказ, доктори илмҳои фалсафа, профессор Х.М. Зиёӣ тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Раҳмонзода Гулчеҳра Раҳмон дар мавзӯи «Нақши унсури гендерӣ дар ташаккули сиёсати давлатӣ (дар мисоли кишварҳои Осиёи Марказӣ)» аз рӯйи навгонии илмӣ, мубрамият ва аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштанаш сазовори баҳои мусбат буда, ба бандҳои 10-12, 14 ва 16-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия саҳеҳ ва асоснок буда, ба ихтисоси 23.00.04 – Масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, рушди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ мувофиқат мекунад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 23.00.04 – Масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, рушди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла дар атрофи масъалаҳои тарбияи сиёсию ҳуқуқии занон, ойилабарпокунӣ дар заминаи арзишоти миллӣ, мубориза бар зидди ҳама гуна шаклҳои табъиз нисбати занон дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаҳои мазкур

алоқамандии зич доранд.

Унвонҷӯ вобаста ба мавзӯи диссертатсия 5 мақолаи илмӣ чоп намудааст, ки онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда дар ҳаҷми 2,5 ҷ.ч. нашр гардидаанд. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷа ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзӯи диссертатсия:

[1-М]. Раҳмонзода Г. Хусусиятҳои таҳқиқоти гендерӣ дар Осиёи Марказӣ дар замони муосир [Матн] / Г. Раҳмонзода, М.У. Хидирзода //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2019. - №1. - С. 275-279.

[2-М]. Раҳмонзода Г. Феминизм ва марҳилаҳои асосии он: хусусият ва моҳият [Матн] / Г. Раҳмонзода //Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. - 2020. - №3. - С. 75-82.

[3-М]. Раҳмонзода Г. Асосҳои назариявии ташаккули гендер ҳамчун равияи илмӣ [Матн] / Г. Раҳмонзода //Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АИ ҶТ. - 2019. - №2. - С. 124-129.

[4-М]. Раҳмонзода Г. Таркиби гендерӣ дар сиёсати давлатии кишварҳои Осиёи Марказӣ: вазъи муосир ва дурнамои рушд [Матн] / Г. Раҳмонзода, М.У. Хидирзода //Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав «маҷаллаи илмӣ». Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. - 2019. - №3/1 (61). - С. 15-21.

[5-М]. Раҳмонзода Г. Зӯроварии гендерӣ: ҷанбаҳои сиёсию ҳуқуқии пешгирии он дар кишварҳои Осиёи Марказӣ [Матн] / Г. Раҳмонзода //Идоракунии давлатӣ. - 2020. - №4. - С. 267-274.

Ба автореферати диссертатсия чунин тақризҳо ворид шудаанд:

Абилзода Г. – номзади илмҳои фалсафа, дотсент, мудири кафедараи психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст.

Ҳамзамон ба муаалиф тавсия дода мешавад, ки дар раванди минбаъдаи таҳқиқи мавзӯи мазкур ба ҷанбаи ҳамкории ташкилотҳои ҷамъиятии кишварҳои Осиёи Марказӣ низ диққат диҳанд.

Неъмонов Ҷ.М. - номзади илмҳои сиёсӣ, мудири кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст, эрод надорад.

Муродов С.А. - номзади илмҳои сиёсӣ, мудири шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст ва эрод надорад.

Шӯрои диссертатсионӣ дар асоси таҳқиқоти аз ҷониби унвонҷӯ анҷомёфта қайд менамояд, ки дар диссертатсияи мазкур:

– асосҳои назариявии ташаккул ва рушди масъалаи гендерӣ ҳамчун равияи илмӣ ва зуҳуроти таърихию иҷтимоӣ баррасӣ гардида, хусусиятҳои шаклгирии баробарии ҷинсӣ ҳамчун равияи илмию амалӣ ва нақши он дар фаъолгардии ҳаракатҳои занон дар ҷаҳон ва минтақа омӯхта шудаанд;

– хусусиятҳои таҳқиқоти гендерӣ дар мактабҳои илмии Осиёи Марказӣ, ки ба омӯзиши раванди умумии ташаккули сиёсати давлатии кишварҳои Осиёӣ бахшида шудаанд, асоснок карда шуда, ҷанбаҳои назариявию амалии онҳо муайян карда шуданд;

– сабабҳо ва омилҳои сиёсию ҳуқуқӣ ва маърифатии мавҷудияти табъизу зӯроварии гендерӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, табиати иҷтимоию сиёсии масъалаҳои гендерӣ дар минтақа таҳқиқ ва асоснок карда шуда, дар замина дастовардҳо ва мушкилоти мавҷуда дар татбиқи сиёсати гендерии давлатҳои Осиёи Марказӣ мушаххас гардидаанд;

– заминаҳои таърихию иҷтимоии пайдоиш ва мавҷудияти қолабҳои гендерӣ ҳамчун омили иҷтимоию фарҳангӣ муайян карда шуда, нақши онҳо дар ташаккул ва татбиқи сиёсати гендерии кишварҳои Осиёи Марказӣ асоснок карда шудааст;

- нақши унсури гендерӣ дар ташаккули сиёсати давлатии кишварҳои Осиёи Марказӣ таҳлил гашта, василаҳои устуворгардонии он муайян гардидаанд. Вазъи муосири татбиқи сиёсати гендерӣ, мушкилот ва дурнамои рушди он дар замони муосир арзёбӣ гардида, дастоварду мушкилоти кишварҳо дар он самт гурӯҳбандӣ карда шудаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** усулҳои таҳлили таърихӣ, ҳуқуқӣ, равиши низомнок, таҳлили оморӣ, вазифавӣ, муқоисавӣ, баҳогузорӣ ва пешгӯӣ ташкил менамоянд.

Истифодаи усулҳои муқоисавӣ ва низомнок имконияти гурӯҳбандии назария ва равишҳои гуногуни илмиро фароҳам оварда, муқоисаи онҳо таҳаввули тасаввуроти гендериро нишон додааст.

Дар асоси истифодаи усули ҳуқуқӣ раванди ташаккули заминаҳои меъёриву ҳуқуқии сиёсати гендерӣ дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Усули сохторӣ-вазифавӣ имкон додааст, ки салоҳияти ниҳодҳои давлатӣ дар татбиқи сиёсати гендерӣ мавриди омӯзиш қарор бигирад. Усулҳои мазкур муносибати маҷмӯиро ба воқеияти иҷтимоӣ, яъне баррасии масъалаҳои гендерӣ дар ҷомеа ҳамчун падидаи том, ягона ва инъикоси айнии воқеият таъмин намудаанд.

Ҳадаф ва вазифаҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда зарурати истифодаи муносибати байнифанниро муайян намуданд, ки бо кӯмаки он таҳқиқи масъалаи татбиқи сиёсати гендерии давлат дар маҷмӯъ имконпазир гардид.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти** унвонҷӯ бо нуктаҳои зерин асоснок гардид: барои давлатҳои муосири Осиёи Марказӣ масъалаи баррасишаванда мубрам, саривақтӣ буда, аҳамияти иҷтимоиро доро мебошад. Натиҷаҳои бадастомада имкон медиҳанд, ки дар бораи равандҳои муосири рушди сиёсати гендерӣ дар кишварҳои пасошӯравии Осиёи Марказӣ тасаввуроти мукаммал пайдо карда, тамоюлҳои дар ин

самт мавҷуда ҳаматарафа таҳлил карда шаванд. Ҳамчунин, баррасӣ ва муайян намудани дастовардҳои давлатҳои Осиёи Марказӣ дар ин самт барои кишвари мо муҳим буда, баҳри табодули таҷриба ва дар ин замина такмил додани раванди рушди сиёсати гендерӣ аҳамияти зиёди илмию назариявӣ доранд.

**Аҳамияти амалии** натиҷаҳои тахқиқоти унвонҷӯ бо он тасдиқ мегардад, ки: дар таҳқиқоти мазкур натиҷаҳои бадастомада ва хулосаҳои таҳқиқот дар раванди ташаккули сиёсати гендерӣ, коркарди воситаҳои нави сиёсӣ баҳри ҳалли масъалаҳои гендерӣ, истифодаи самараноки онҳо бо назардошти хусусиятҳои замон ва ҳалли мушкилоти пайдошаванда метавонанд ба таври васеъ истифода шавад. Ҳамзамон дар замоне ки сиёсати гендерӣ унсури таркибии сиёсати давлатиро ташкил медиҳад, омӯзиши таҷрибаи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ баҳри татбиқи механизмҳои муосиру самараноки соҳа мусоидат карда метавонад.

**Натиҷаҳои кори илмии мазкур**ро барои хондани маърӯзаҳо ва курсҳои махсус барои донишҷӯён, магистрантон ва аспирантон аз рӯйи ихтисосҳои сиёсатшиносӣ, сотсиология, фалсафаи иҷтимоӣ ва дигар улуми иҷтимоӣ метавон истифода бурд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ**от ва хулосаҳои ҳосилшуда бо маълумоти дақиқ, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот асоснок карда шудааст. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ манзур карда шудаанд.

**Саҳми унвонҷӯ** дар таҳия, коркард ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзӯи диссертатсионӣ, ки маҳсули фаъолияти чандинсолаи муаллиф мебошанд, ифода меёбад. Саҳми шахсии унвонҷӯ инчунин, дар пешниҳоди роҳҳои танзими масъалаҳои гендерӣ дар Осиёи Марказӣ ва беҳтар намудани фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ ва ғайридавлатии ин кишварҳо дар ин самт инъикос ёфта, пешниҳоду тавсияҳо ҷиҳати баланд бардоштани нақши

зан дар ҷомеа сурат гирифтаанд.

Дар ҷаласаи 14-уми майи соли 2021 Шӯрои диссертатсионӣ дар бораи сазовор донистани Раҳмонзода Гулчеҳра Раҳмон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 16 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ 13 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 13 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмӣ 13 нафар, муқобили додани дараҷаи илмӣ 0 нафар, бюллетенҳои беэътибор нест.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои фалсафа, профессор — Ҷононов С.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент — Раҷабов И.Ш.

Ҷононов С. Раҷабов И.Ш.
ТАСДИҚ МЕКУНАМ / ЗАВЕРЯЮ
Сардори РК ва КМ ДМТ / Начальник УК и СЧ ТНУ
Тавқиев Э. Ш.

17.05.021